# ФАРМОИШИ
# ВАЗИРИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «02» 02 соли 2018 №354 ш. Душанбе

Дар бораи амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2018, №02/51 «Оид ба тасдиқи «Дастур доир ба тарзи таҳияи эссе»

Бо мақсади амалӣ намудани қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2018, №02/51 «Оид ба тасдиқи «Дастур доир ба тарзи таҳияи эссе», мутобиқи банди 13 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145) ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2018, №02/51 «Оид ба тасдиқи «Дастур доир ба тарзи таҳияи эссе» мавриди амал қарор дода шавад (Замима мегардад).
2. Раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ (Қ.Муҳиддинов) иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намояд.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазир Л.Назирӣ гузошта шавад.

Вазир Нуриддин Саид

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Муовини вазир
Раёсати таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва котибот

# ҚАРОРИ МУШОВАРАИ
# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «26» «01» соли 2018** **№ 02/51** **ш. Душанбе**

Оид ба тасдиқи “Дастур доир ба тарзи таҳияи эссе”

Ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориши раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломиро оид ба тасдиқи “Дастур доир ба тарзи таҳияи эссе” баррасӣ намуда,

қ а р о р   м е к у н а д:

1. Гузориши раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ оид ба тасдиқи “Дастур доир ба тарзи таҳияи эссе” ба инобат гирифта шавад (замима мегардад).
2. Дастур доир ба тарзи таҳияи эссе тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
3. Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ миқдори зарурии дастури мазкурро ба нашр расонида, бо мақсади шиносоӣ ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дастрас намояд.
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазир Л.Назирӣ гузошта шавад.

Раиси ҷаласаи мушовара,
муовини якуми вазир Р. Мирбобоев